# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №___________
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 19.09.2026, №76

Барои сазовор донистани Ҷамолиддинзода Суҳроб Рустам, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1 – Назарияи иқтисодӣ.

Диссертатсияи Ҷамолиддинзода Суҳроб Рустам дар мавзуи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1 – Назарияи иқтисодӣ, санаи 13-уми июни соли 2026 таҳти протоколи №72, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №35 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ҷамолиддинзода Суҳроб Рустам, санаи таваллуд 25-уми январи соли 1977, соли 1999 Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодчӣ хатм кардааст. Соли 2021 дар МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд” ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодӣ қабул гардида, зинаи мазкурро соли 2025 хатм намудааст.

Ҷамолиддинзода Суҳроб Рустам фаъолияти меҳнатии худро соли 1999 ба ҳайси ассистенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оғоз намудааст. Сипас, соли 2006 бо тариқи гузариш ба вазифаи муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд” интиқол гардида, то соли 2018 фаъолият намудааст. Аз моҳи апрели соли 2018 то ҳол ба вазифаи ҷонишини декан оид ба таълим, эдвайзери факултети тиҷорат, фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи донишкадаи мазкур фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд” иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Газибеков Садриддин Арслонбекович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд».

**Муқарризони расмӣ:**

- **Рауфӣ Абдуғаффор** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

- **Тоҷидинова Зебохон Сангиновна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар:** МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон», дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи Ниёзов Ҷ.С. - н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва менеҷменти МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-ии МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон», дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва менеҷменти МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-ии МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» аз 26-уми августи соли 2026, суратмаҷлиси кафедра №1 баррасӣ гардида, аз тарафи ректори МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-ии МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бахтиёр Маҳмадалӣ санаи 28-августи соли 2026 тасдиқ шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавии иқтисодӣ, густариши муносибатҳои бозорӣ, афзоиши рақобати байни истеҳсолкунандагони ватанӣ ва воридшавии молҳои хориҷӣ ба бозори дохилӣ, мавҷудияти муҳити солими рақобатӣ ҳамчун шарти муҳимми рушди устувори иқтисодиёти миллӣ баромад менамояд, ки ташаккули муҳити рақобатии солим ва бозори пурқуввати истеъмолиро тақозо менамояд.

Мубрамияти мавзуи диссертатсия ба зарурати рушди рақобати самаранок дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста буда, бо чунин мушкилот, аз қабили вобастагии бозори дохилӣ аз воридот, маҳдуд будани рақобати истеҳсолкунандагони ватанӣ, мавҷудияти унсурҳои монополӣ ва нокифоя будани инфрасохтори бозорӣ алоқаманд мебошад. Дар ин замина, муайян намудани омилҳои рушди рақобат, арзёбии рақобатпазирии бозор ва такмили механизмҳои танзими давлатии он барои баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ, васеъ намудани пешниҳоди молҳои ватанӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз воридот аҳаммияти муҳим дорад.

Бинобар ин, андешаҳои болозикр муҳим будани таҳқиқоти илмии мавзуи кори илмиро нишон медиҳанд ва дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масоили марбута мавриди омӯзиш ва таҳлилу арзёбии амиқ қарор дода шудаанд.

Бо назардошти нуктаҳои зикргардида муассисаи пешбар интихоби мавзуъ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Ҷамолиддинзода Суҳроб Рустамро дар мавзуи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1 – Назарияи иқтисодӣ кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал ва мустақилона баанҷомрасида ҳисобида, қайд менамояд, ки дар он натиҷаҳои нави илмӣ ва амалии аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсияи Ҷамолиддинзода Суҳроб Рустам овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии хориҷию ватаниро оид ба назария ва амалияи рақобат, рушди муҳити рақобатӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ самаранок истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи таҳқиқот барои роҳандозии натиҷаҳои илмӣ дар амалия дар заминаи таҳлили назариявию таҷрибавӣ муайян гардида, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро исбот мекунад.

Асосҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Ҷамолиддинзода Суҳроб Рустам дар мавзуи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳо аз рӯйи ихтисоси 5.2.1. – Назарияи иқтисодӣ: б. 1.1. - Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонунияти рушди муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; ташаккул ва амалкарди сохтору институтҳои иқтисодӣ; назарияи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт; б. 1.2. - Назарияи микроиқтисод: назарияи талаботи истеъмолӣ; назарияи ташкили бозорҳо; назарияи рақобат ва танзими зиддиинҳисорӣ; 1.4. - Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: назарияи таҳаввулотии пешравии иқтисодӣ мутобиқ ва ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1 – Назарияи иқтисодӣ мебошад.

Автореферати диссертатсияи Ҷамолиддинзода Суҳроб Рустам тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**
**А) Мақолаҳои чопшуда дар нашрияҳои бақайдгирифтаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**(бо забони аслӣ)**

[1-М]. Джамолиддинов С.Р. Конкурентоспособность потребительской кооперации и направления его дальнейщего укрепления [Текст] / А. Абдугаффоров, С.Р. Джамолиддинов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) - Душанбе, 2012. - №2/6 (95),- С. 106 - 109 (0,15 п.л.) ISSN 2074 - 1847.

[2-М]. Джамолиддинов С.Р. Элементы модели конкурентной стратегии развития потребительской кооперации [Текст] / Д.Н. Дадоматов, С.Р. Джамолиддинов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (научно-теоретический журнал) - Худжанд, 2013. №1(53),- С. 83-88 (0,25 п.л.) ISSN 2218-256Х.

[3-М]. Джамолиддинов С.Р. Процесс формирования конкурентных основ отраслевого рынка национальной экономики [Текст] / С.Р. Джамолиддинов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) - Душанбе, 2015. - №2/7(178),- С.168-171 (0,19 п.л.) ISSN 2413-5151.

[4-М]. Джамолиддинов С.Р. Научные основы рыночного и государственного регулирования конкуренции на рынке потребительских товаров [Текст] / С.А. Газибеков, С.Р. Джамолиддинов //. Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал) - Душанбе, 2022. - №4/1 (43), С. 25-31 (0,37 п.л.) ISSN 2308-054Х.

[5-М]. Ҷамолиддинов С.Р. Эҳёи фазои рақобат дар бозори соҳавии кооператсияи матлубот [Матн] / С.Р. Ҷамолиддинов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ - Хуҷанд: нашриёти «Нури маърифат»-и МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», 2018. - №2(45), С. 198-202 (0,25 п.л.) ISSN 2077-4974.

[6-М]. Ҷамолиддинов С.Р. Баъзе ақидаҳо оиди рушди рақобат дар бозори соҳавӣ [Матн] / С.Р. Ҷамолиддинов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (илмҳои табиӣ) - Душанбе, 2021. - №1(10-11), С. 48-55 (0,44 ҷ.ч.) ISSN 2707-9996.

[7-М]. Ҷамолиддинов С.Р. Хароҷоти истеъмолӣ чун индикатори муайянкунандаи вазъи рақобат дар бозори соҳавӣ (натиҷаи таҳқиқи бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн] / С.А. Газибеков, С.Р. Ҷамолиддинов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ-назариявӣ) - Хуҷанд, 2024. - №4(101), С. 83-91 (0,5 ҷ.ч.) ISSN 3005-8023.

**Б). Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ**

[8-М]. Джамолиддинов С.Р. Дислокация звеньев торговли и их роль в конкурентной борьбе [Текст] / С.Р. Джамолиддинов // Сетевой бизнес и внутренняя торговля Украины и стран СНГ. Материалы V-й Международной научно-практической интернет-конференции, (г. Полтава, 15-16 апреля 2015 года), Полтава: ПУЭТ, 2015. – С. 95 -97 (0,125 ҷ.ч.).

[9-М]. Джамолиддинов С.Р. Права собственности и конкуренция в отраслевом рынке потребительских товаров – простая олигополия [Текст] / С.Р. Джамолиддинов // Повышение надежности и использование сельскохозяйственных техники в комплексной агропромышленной области. Сборник научных статей. Материалы республиканской научно-практической конференции (Таджикский аграрный университет имени Шириншох Шотемур, 17 сентября 2022 года), Душанбе, 2022. – С. 33-39 (0,375 ҷ.ч.).

[10-М]. Джамолиддинов С.Р. Приоритетные направления повышения конкурентоспособности субъектов на рынке потребительских товаров [Текст] / С.Р. Джамолиддинов // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы применения зеленой энергии и энергосберегающих машин в отрасли механизации сельского хозяйства в условиях Республики Таджикистан» (Таджикский аграрный университет имени Шириншох Шотемур, 04 ноября 2023 год), Душанбе, 2023. – С. 188-198 (0,625 ҷ.ч.).

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. **Ризозода Тура Раббим** – д.и.и., профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- таъсири равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт ба ташаккули муҳити рақобатӣ ва рушди бозори молҳои истеъмолӣ метавонист амиқтар таҳлил карда шавад;
- барои арзёбии ҳамаҷонибаи вазъи рақобатӣ истифодаи маҷмуи васеътари нишондиҳандаҳои муқоисавӣ ва меъёрҳои баҳодиҳии рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ мувофиқи мақсад мебуд.

2. **Сафаров Аъзамҷон Аҳмадхонович** – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ бо чунин эродҳо:

- Дар бахши «омилҳои мусоидаткунанда ва боздоранда», таъсири омилҳои берунаи иқтисодӣ (ба монанди тағйирёбии қурби асъор ва хавфҳои геополитикӣ) ба рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ тавре, ки бояд буд, ба таври амиқ таҳлил нагардидааст.

Тавсия дода мешавад, ки дар пажӯҳишҳои минбаъда таъсири ин омилҳо ба нархгузориӣ молҳои воридотӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти маҳаллӣ бештар кушода дода шавад;

- Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки самаранокии пасти институти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон яке аз муаммоҳои бозор аст. Аммо дар автореферат роҳҳои мушаххаси тақвияти ҳамкории байни «бизнес – ҷомеаи шаҳрвандӣ – давлат» барои ҳимояи рақобат ва ҳуқуқи истеъмолкунандагон нисбатан кам инъикос ёфтааст. Мақсаднок мебуд, агар муаллиф дар ин самт механизмҳои институтсионалии бештар пешниҳод мекард;

- Дар ҷадвали 4-и автореферати диссертатсия оид ба хароҷоти истеъмолӣ, пешгӯиҳо барои солҳои 2025-2028 дар заминаи маълумоти то соли 2024 оварда шудаанд, аммо ба манфиати кор мебуд, агар тавзеҳи кофӣ дар бораи он ки чӣ гуна хавфҳо метавонанд ин пешгӯиҳоро дар шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ дигаргун созанд, ба назар гирифта шаванд.

**3. Аличонов Ҷамшед Абдуқаюмович** - д.и.и, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" бо чунин эрод:

- Барои боз ҳам возеҳтар гардидани заминаҳои назариявии таҳқиқот ҷудокунии дақиқи мазмун, хусусиятҳо ва меъёрҳои арзёбии категорияҳои «рақобат», «рақобатпазирӣ», «муҳити рақобатӣ» ва «шиддатнокии рақобат» мувофиқи мақсад мебошад;

- Қисми муайяни пешниҳодҳои стратегӣ хусусияти умумӣ дошта, барои баъзе аз онҳо нишондиҳандаҳои мушаххаси арзёбии натиҷа, марҳилаҳои татбиқ ва мӯҳлати амалисозӣ ба таври пурра инъикос наёфтаанд. Муайян намудани нишондиҳандаҳои ченшавандаи самаранокӣ метавонист аҳаммияти амалии тавсияҳои пешниҳодшударо боз ҳам баланд бардорад.

**4. Мирсаидов Аброр Бобоевич -** д.и.и, профессор, мудири шуъбаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- Дар оянда таҳқиқотро метавон бо омӯзиши амиқтари таъсири рақамикунонии иқтисодиёт ба муносибатҳои рақобатӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ташаккули афзалиятҳои рақобатӣ ва таҳияи нишондиҳандаҳои мукаммалтари баҳодиҳии рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ такмил дод.

Дар умум, норасоиҳое, ки мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд, хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифати автореферати тақризшаванда таъсири манфӣ расонида наметавонанд ва ин норасоиҳоро муаллиф метавонад, ҷиҳати таҳқиқи амиқи масъалаи баррасишаванда дар пажӯҳишҳои минбаъда ба инобат гирад.

**Интихоби муқарризони расмӣ** дар асоси пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин, бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масъалаҳои рақобат, рушди муҳити рақобатӣ ва бозори молҳои истеъмолӣ, мавҷудияти интишороти онҳо дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии муқарризон барои пешниҳоди тақриз тасдиқ шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-ии МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро баҳо диҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** консепсияи назариявии муносибатҳои рақобатӣ низомбандӣ, асосҳои танзими давлатии рақобат такмил ва зарурати танзими давлатии бозори молҳои истеъмолӣ асоснок гардида, нақши рақобати ғайринархӣ дар баланд бардоштани самаранокии бозор ва сифати молу хизматрасонӣ, муайян карда шуд.

- **пешниҳод карда шуд:** самтҳои асосии такмили институтсионалӣ, соҳавӣ ва инфрасохтории бозори молҳои истеъмолӣ, ки ба рушди рақобат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бозор ва мутобиқсозии он ба талаботи муосири иқтисодӣ равона шудаанд.

- **исбот карда шуд:** шиддатнокии рақобат дар бозори серсоҳаи молҳои истеъмолӣ зери таъсири маҷмӯи омилҳои боздоранда ва мусоидаткунанда ташаккул ёфта, таъсири соҳаи кишоварзӣ, сатҳи хароҷоту даромаднокӣ, миқёси фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, танзими давлатӣ, инчунин афзоиши талаботи истеъмолӣ ва даромади аҳолӣ ҳамчун омилҳои муайянкунандаи сатҳи рақобат асоснок гардид.

- **асоснок карда шудааст,** ки баланд бардоштани бартариҳои рақобатии бозори молҳои истеъмолӣ тавассути ташаккули муҳити мусоиди рақобат, дастгирии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ, рушди инфрасохтори бозорӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ таъмин мегардад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад:**

- **исбот карда шудааст**, ки асосҳои назариявии рушди рақобат дар асоси таҳлили таҳаввулоти таърихии марҳилаҳои ташаккули назарияи рақобат такмил дода шуда, таърифи муаллифии рақобат ҳамчун механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои истеҳсолкунанда, истеъмолкунанда, давлат ва бозор пешниҳод гардидааст;

- **баён шудани** тамоюлоти муосир ва хусусиятҳои рушди бозори молҳои истеъмолӣ дар шароити амиқрафти муносибатҳои рақобатӣ ва низомбандии масъалаҳои рушди бозори ватанӣ ба таври возеҳу равшан асоснок карда шуда, бо такя ба таҷрибаи амалӣ ва нуқтаҳои назариявии илмии самтҳои беҳтарсозӣ ва ҳалли ин мушкилоту маҳдудиятҳо пешниҳод гардидаанд;

- **ошкор карда шудааст,** ки стратегияи рақобат ҳамчун модели умумии фаъолияти иқтисодӣ дар муҳити тағйирёбандаи бозор ташаккул ёфта, модели назариявии ташаккули стратегияи рақобатӣ таҳия гардида, самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ дар асоси такмили механизмҳои институтсионалӣ ва истифодаи имкониятҳои инноватсионӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- **коркард ва ҷорӣ карда шуд:** таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмӯи пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии илман асоснокшударо оид ба такмили асосҳои назариявию методологии рақобат, рушди механизмҳои ташаккул ва танзими рақобат ва баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ, фаро гирифтааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводҳо, хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодгардидаро Раёсати рушди иқтисод, савдо ва мониторинг дар вилояти Суғд тасдиқ намудааст. (Маълумотномаи Раёсати рушди иқтисод, савдо ва мониторинг дар вилояти Суғд, №20/1-7 аз 23.02.2024);

- **муайян карда шуд**: вазъи рақобат ва иқтидори рушди он дар сохтори бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ гардида, мазмуни иқтисодии рақобат, омилҳои ташаккулёбии он ва нақши бунёдии рақобат дар рушди бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд;

- **муаррифӣ карда шуд**: дар заминаи таҳлили таҳаввулоти назариявии рақобат ва хусусиятҳои ташаккули бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ, принсипҳо ва шартҳои асосии рушди рақобат дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, таърифи муаллифии рақобат чун механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳо пешниҳод карда шуда, вазъи муосири рақобат, омилҳои таъсиррасон ва мушкилоти рушди бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- **назария ва амалияи таҳқиқ.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия дар он зуҳур меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳое, ки аз тарафи муаллиф дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот ба

даст омадаанд, илман асоснок карда шудаанд ва онҳо барои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта, бо мақсади таъмини рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолии иқтисодиёти миллӣ равона гардидаанд. Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд дар такмили сиёсати рақобатӣ ва механизмҳои танзими давлатии бозори молҳои истеъмолӣ, таҳияи чораҳои рушди муҳити рақобат ва баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои бозори иқтисодиёти миллӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи назариявию методологӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи равандҳои ташаккул ва рушди рақобат, арзёбии муҳити рақобатӣ ва такмили механизмҳои танзими муносибатҳои рақобатӣ дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла бозори молҳои истеъмолии Тоҷикистон, истифода гарданд;

- **ғояи таҳқиқот** дар асоси муқаррароти назариявию консептуалии олимони хориҷию ватанӣ оид ба ташаккул ва рушди муносибатҳои рақобатӣ дар бозор, дар заминаи амалишавии ҳадафу мақсадҳое, ки дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Парлумони кишвар, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, муайян шудаанд, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва захираҳои иттилоотии шабакаи “Internet” асоснок шудааст;

- **аслият ва навгониҳои** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили амиқи заминаҳои назариявӣ ва амалӣ барои омӯзиши ҳалли масоили ташаккулёбӣ ва рушди асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ инъикос ёфтаанд;

- **усулҳои муосири** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти иқтисодӣ барои арзёбии вазъи бозор, муайян намудани омилҳои ташаккулёбии муҳити рақобатӣ, таҳияи ҷадвалу диаграммаҳо ва асоснок намудани самтҳои такмили механизмҳои рушди рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ истифода карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- саҳми шахсии муаллиф дар гузаронидани таҳқиқоти мустақили илмӣ оид ба ташаккул ва рушди муносибатҳои рақобатӣ ифода ёфта, тавсияҳои илмӣ ва амалии муаллиф метавонанд дар таҳияи муқаррароти назариявию методӣ оид ба арзёбӣ ва такмили механизмҳои рушди рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ истифода гарданд;

- аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 7 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;

- қисматҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ба тасвиб расидаанд.

Дар ҷаласа аз 19-уми сентябри соли 2026 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Ҷамолиддинзода Суҳроб Рустам ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз аз рӯи ихтисоси 5.2.1 – Назарияи иқтисодӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар узви Шуро 15 нафар иштирок доштанд, 6 нафар мутахассис аз рӯйи диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар узви шуро, ки овоз доданд: тарафдор 15 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., профессор — Усманова Т.Ҷ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Гулов Ш.М.

“19” сентябри соли 2026